**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН**
**МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ РЕСПУБЛИКА**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ VI

**Тошканд 2017**

# МАКТУБИ ЭЗОҲӢ

Дар синфҳои ибтидоии мактабҳои миёна мазмуни донишҳои аз забони модарӣ омӯзонидашаванда мавофиқи нақшаи таълимӣ доир ба намудҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони тоҷикӣ, тағйирёбии калимаҳо ва дар ҷумлаҳо ба ҳам пайваст шудани калимаҳо, таркиби калима, тартиб додани ҷумла, қоидаҳои беғалат навиштан ва дуруст гузоштани аломатҳои китобиро дар бар мегирад. Инчунин, аз синфи ибтидоӣ сар карда омӯзиш дар доираи Ташкилоти тараққиёт ва ҳамкориҳои иқтисодӣ (англисӣ–Oқganisation foқ Ӯconomic Coopӯқation and Dӯvӯlopmӯnt (OӮCD)), Барномаи байналмилалии баҳогузории донишомӯзон (англисӣ–Pқogқammӯ foқ Intӯқnational Stғdӯnt Assӯssmӯnt, PISA) ва мониторинги байналмилалии сифати таълими математика ва фанҳои табиӣ дар мактаб, ки аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии баҳогузории комёбиҳои таълим (англисӣ–Tқӯnds in Mathӯmatics and Sciӯncӯ Stғdy,TIMSS) ташкил ёфтааст, барои инкишофи саводомӯзии шогирдон дорои аҳамияти муҳим аст.

Мақсади асосии омӯзонидани забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ (синфҳои I - IV) ба камол расонидани шахси фикри худро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст ва равон баёнкунанда, мустақил ва эҷодкорона фикркунанда, фикри дигаронро дарккунанда, маданияти нутқ ва мулоқотро донанда мебошад.

Вазифаи асосии таълими забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ: доштани фикри шахсии донишомӯз, дарк намудани фикри дигарон, инкишоф додани босаводона баён намудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ба донишомӯзон дониши доир ба грамматика (доир ба мафҳуми фонетика, лексикология, таркиби калима, сохти калима, морфология, синтаксис, имлои навишт, аломатҳои китобӣ, услубҳои нутқ)-ро инкишоф додан ва аз доираи васеъи забони модарӣ истифода бурда, равон, бехато фикри худро баён намуданро омӯзонидан.

Дар таълими ибтидоӣ – барои таъмини саводомӯзии донишомӯзон, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо ба меъёрҳои адабии нутқ риоя кардан омӯзонида мешавад.

Даври саводхонӣ аз ибтидои моҳи сентябр оғоз ёфта, то охири декабр, яъне ду чоряки соли таҳсилро фаро мегирад. Ҷараёни омӯхтани савод аз тайёрӣ бо Иди Алифбо ташкил меёбад. Таълими то алифбо ва даври алифбои саводомӯзӣ бо усули овозии таҳлилию таркибӣ (аналитикию синтетикӣ) амалӣ мешавад. Мувофиқи тарзи омӯзонидани таҳлилию таркибӣ аз матн ҷумла, аз ҷумла калима, аз калима ҳиҷо ва овоз, ёки баръакс овоз > ҳиҷо > калима > ҷумла> матн бо алоқаҳои узвӣ аз яклухт ба қисмҳо, аз қисмҳо ба яклухт нигоҳ карда таҳлил карда мешавад. Ин бошад барои дар асоси мезонҳои дидактикӣ фаъолияти фикрии бошууронаю мантиқдори донишомӯзонро инкишоф додан имконият ба вуҷуд меорад.

Аз рӯзҳои аввали саводомӯзӣ дар давраи таълими ибтидоӣ ба инкишофи нутқи донишомӯзон, яъне аз ҳисоби калимаҳои нав бой гардонидани фонди луғавии вай эътибори алоҳида дода мешавад.

Забони модарӣ барои инкишоф додани малакаи озодона фикр намудан, фикри дигаронро дарк кардан, фикрҳои худро бо тарзи даҳонӣ ё хаттӣ баён карда тавонистан, бо одамон мулоқоти озодона доштани донишомӯзон хизмат мекунад.

Омӯзиши ҳусни хат. Вазифаи асосӣ аз омӯзонидани ҳусни хат такмилдиҳии бехато ва зебо навиштани ҳарф, калима, ҷумла ва матн аст. Дар ҷараёни ёд гирифтани навиштан донишомӯз шакли ҳарф, калима ва ҷумларо аз китоб ё тахтаи синф бехато ва ба қоидаҳои ҳусни хат риоя намуда кӯчонад, навиштаҳояшро санҷида, хатоҳо ва камбудиҳои графикии худро бо роҳбарии омӯзгор бояд худаш ислоҳ намояд. Дар ин давра фаъолияти шунида навиштан ҳам такмил меёбад.

Аз нимсолаи дуюми соли хониши синфи 1 сар карда, малакаи ҳусни хат такмил дода мешавад. Ҳамчунин дар синфҳои 2-4 бошад дар ҳар дарси забони модарӣ 5-8 дақиқа барои ҳусни хат ҷудо карда мешавад.

Натиҷаҳои фаъолияти донишомӯз ва талаботи азхудкунӣ:

– Фаъолияти хешро дар рафти дарс намоён карда метавонад.

– Бо китоби дарси кор карда метавонад.

– Мавҳуми нутқи даҳонӣ ва хаттиро бо мисолҳо фарқ карда метавонад.

– Бо маълумотҳои дахлдор чӣ будани калима, ҳиҷоро медонад.

– Овозҳои садонок ва ҳамсадоро сарфаҳм меравад, инчунин ҳиҷо, калима, ҷумларо фарқ карда метавонад.

– Мавҳуми ҷумларо медонад.

– Мазмуни мавзӯъҳои омӯхташаванда, қоидаҳои зарурӣ, машқ ва талабҳои онро бо тартиб иҷро менамояд ва фарқ карда метавонад.

– Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои мустақилмаъноро муайян карда метавонад ва аз рӯйи намуна аз ӯҳдаи калимаинтихобкунӣ мебарояд.

–Аз рӯйи расм ва мазмуни он матни ҳаҷман хурди мантиқдор тартиб дода метавонад.

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ VI

*(Ҳафтае 4 соат. Ҷамъ: 136 соат)*

## Забони тоҷикӣ - қадима, зебо ва пурсарват (1 соат)

## Такрори мавзӯъҳои синфи V (12 соат)

Овозшиносӣ (фонетика) ва имло. Таҳлили фонетикии калима. Калима. Калимаҳои якмаъно за сермаъно. Маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо. Таҳлили луғавӣ. Сарф (морфология). Таркиби калама: реша, асос, бандак. Таҳлили таркиби калима. Ҳиссаҳои нутқ: исм, сифат, феъл. Таҳлили сарфӣ аз рӯи мавзӯъҳои гузашта.

Наҳв (синтаксис). Ибора ва ҷумла. Ҷумлаҳои содда ва мураккаб. Таҳлили наҳвӣ.

## Луғатшиносӣ ва луғатнигорӣ (10 соат)

Калима ва истилоҳ. Калимаҳои умумихалқӣ. Калимаҳои шевагӣ. Калимаҳои касбу пеша. Калимаҳои нав. Калимаҳои кӯҳнашуда. Калимаҳои вомӣ (иқтибосӣ). Калимаҳои мансух (архаистӣ). Калимаҳои таърихӣ. Ибораҳои устувор (фразеологӣ). Тарзи таҳлили луғавӣ.

Луғатшиносӣ. Хелҳои луғат. Сарчашмаҳои такмили луғати забони тоҷикӣ.

## Калимасозӣ ва имло (15 соат)

Калимаҳои ҳамреша. Хелҳои калима аз ҷиҳати сохт. Калимаҳои содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ. Ихтисораҳо (каламаҳои кӯтоҳ кардашуда). Роҳҳои асосии калимасозӣ дар забони тоҷикӣ: сохтани калимаҳо ба воситаи пешванду пасвандҳо (префикс ва суффиксҳо), бо роҳи пайванди решаҳо сохта шудани калимаҳо. Пешванду пасвандҳои калимасоз ва шаклсоз. Калимаҳои мураккаби навъи пайваст ва тобеъ. Имлои калимаҳои содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

Тарзи таҳлили таркиби калима ва калимасозӣ.

## Исм ва сохти он (14 соат)

Такрори маводҳои омӯхташудаи синфи 5 доир ба исм. Исмҳои зот (ҷинс) ва маънӣ. Исмҳои ҷомеъ. Калимасозии исм; ба воситаи пасвандҳои -чӣ, -гар, -гор, гоҳ, - зор, -истон, -дон, - а, -ак, -ча, -ӣ, (-гӣ), -гарӣ, - иш, - ор. Сохтани исм ба воситаи пешванди ҳам- . Сохти исмҳо. Исмҳои мураккаби навъи пайваст ва тарзи сохта шудани онҳо; такрори исм, такрори исм бо миёнванди «о» (гирдогирд, давродавр), такрори асоси замони ҳозираи феъл (даводав, раворав, кашокаш) исмҳое, ки аз такрори исм ба воситаи садоноки «у» сохта мешаванд (сарупо, рангубор, сарутан) исмҳое, ки аз асосҳои феъл бо ёрии садоноки «у» ба вуҷуд меоянд (пурсуков, доругир, гуфтушунид).

Исмҳои мураккаби навъи тобеъ: исмҳои ҷузъи якумашон асосӣ, ҷузъи дуюмашон ба он тобеъ (сарлашкар, сарҳавз, модарарӯс), исмҳои ҷузъи дуюмашон асоси ҷузъи якумашон ба он тобеъ (ошхона, нахӯдшӯрбо, соатсоз).

Имлои исмҳои мураккаб. Ба исм гузаштани сифат.

Тарзи таҳлили сарфии исм.

## Сифат (8 соат)

Такрори маводҳои омӯхташудаи синфи 5 доир ба сифат. Сифатҳое, ки дараҷаи зиёдӣ ва камии аломатро мефаҳмонанд. Тарзи сохта шудани ин гуна сифатҳо ва имлои онҳо. Сохти сифат. Пасвандҳои сифатсози -ӣ (-гӣ, -вӣ), -ин (-гин), -она (-ёна, -гона), -нок, -манд, -а (-я), -о, -он. Сифатҳои мураккаб: сифатҳои мураккаби пайвасте, ки аз такрори бевоситаи исм, такрори исм ва миёнванди -о-, -ма-, -ба-, -дар-, -бар- пайваст шудани калимаи бемаънои дуюм ба калимаи маънодори якум сохта мешаванд. Сифатҳои мураккаби тобеъ: сифатҳое, ки аз исму исм, исму сифат, исму феъл ташкил ёфтаанд. Сифатҳои таркибӣ ва имлои онҳо.

Тарзи таҳлили сарфии сифат. Такрори мавзӯъ.

## Шумора (12 соат)

Маънои луғавӣ, аломатҳои сарфӣ ва вазифаи наҳвии шумора. Хелҳои шумора: шумораи миқдорӣ ва тартибӣ. Навъҳои шумораи миқдорӣ, шумораи аслӣ, тахминӣ ва касрӣ. Сохти шумора: содда, сохта, мураккаб, таркибӣ. Имлои шумора. Нумеративҳо. Табдили шумора ба исм. Тарзи таҳлили сарфии шумора. Такрори мавзӯъ.

## Ҷонишин (16 соат)

Маълумоти умумӣ. Хелҳои ҷонишин: ҷонишини шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, ишоратӣ, саволӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ. Сохт ва имлои ҷîíèøèíҳо. Тарзи таҳлили сарфии ҷîíèøèí. Такрори ҷîíèøèí.

## Феъл (28 соат)

Такрори маводҳои омӯхташудаи синфи 5 доир ба феъл. Тарзҳои феъл: феъли монда ва гузаранда, тарзи фоилӣ ва мафулии феъл. Намудҳои мутлақу давомнокӣ. Сиғаҳои феъл: хабарӣ, амрӣ, эҳтимолӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ. Сохти феълҳо: феълҳои содда, сохта ва таркибӣ. Феълҳои таркибии номию феълӣ ва тарзи сохта шудани онҳо. Пешванд ва пасвандҳои феълсоз. Имлои феъл. Тарзи таҳлили сарфи феълҳои тасрифӣ. Такрори мавзӯи феълҳои тасрифӣ.

Феълҳои ғайритасрифӣ. Масдар. Хусусиятҳои луғавӣ ва аломатҳои грамматикии масдар. Сохти масдар: масдарҳои содда, сохта ва таркибӣ. Хусусиятҳои номӣ ва феълии масдар. Вазифаи наҳвии масдар.

Сифатӣ феълӣ. Замонҳои сифатӣ феълӣ: замони гузашта, замони ҳозира-оянда замони ҳозира, замони ҳозираи муайян. Вазифаи наҳвии сифатӣ феълӣ. Имлои сифати феълӣ.

Феъли ҳол. Маълумоти умумӣ. Шаклҳои мутлақу давомдори феъли ҳол ва тарзи сохта шудани онҳо. Вазифаи феъли ҳол дар ҷумла. Имлои феъли ҳол. Тарзи таҳлили феъли ҳол.

Такрори мавзӯи феълҳои тасрифӣ ва ғайритасрифӣ.

## Такрори мавзӯъҳои синфҳои V ва VI (10 соат)

Луғатшиносӣ. Калимасозӣ. Овозшиносӣ. Исм. Сифат. Шумора. Ҷонишин. Феъл. Фелҳои ғайритасрифӣ.

## Такмили нутқи мураттаби шифоҳӣ ва хаттӣ (10 соат)

Такрори маълумоти матн ва сохти он. Мавзӯи васеъ ва танг.

Навъҳои алоқаи ҷумлаҳои матн. Хелҳои алоҳидаи услуби хаттӣ: услуби илмӣ ва коргузорӣ.

Усули ҷамъоврии мавод барои иншо ва тарзи навиштани он. Нақшаи мураккаби матн. Баёни матнҳои нақли тасвирӣ ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ.

Хелҳои матн: матни нақл, матни тасвир ва матни муҳокима. Иншои муҳокима доир ба мавзӯи таҷрибаҳои ҳаётии хонандагон. Тасвири бино (ҷои истиқомат) идора, муҳити атроф ва табиат. Навиштани иншои нақл аз рӯи таассуроти шахсӣ ё мушоҳидаи сурату лаҳзаҳо. Таҳрири иншои муҳокима мувофиқи таҷрибаи ҳаётии хонандагон дар хусуси фаъолият ва муомилаю муносибати одамон дар зиндагӣ. Навиштани иншо дар мавзӯъҳои забоншиносӣ, аз қабили: «Оё калимаҳои бегонаро бар кор бурдан шарт аст?», «Лаҳҷаи шумо ба кадом гурӯҳи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дохил мешавад, чаро?», «Дарси забони модарӣ чиро меомӯзад?», «Магар бо ҳарфи хурд навиштани исмҳои ҷинс ҷоиз аст?» ва ғ. Навиштани иншо доир ба сифатҳои дилчаспи чаҳор фасли сол: баҳор, тобистон, тирамоҳ, зимистон.

Навиштани матни табрикнома ва барқия (телеграмма). Тарзи навиштани бовариномa. Тариқи иншои мактуб. Нақли мазмуни ягонаи ҳикоя ва порчаи асари бадеӣ. Ҳикояи лафзии таассурот доир ба сафар, филми нав, ҳодисаю воқеаҳои аҷиби зиндагӣ. Нақли ҳаёти одамони бузург бо риояи қоидаҳои талаффузи адабӣ. Тарзи навиштани қарори маҷлис.

## Талабҳои асосӣ оид ба дониш, малака ва маҳорати донишомӯзони синфи VI

Бояд донанд ва тавонанд:

- -аз орфоэпия: Истифодаи дурусти таркибҳои кӯтоҳшуда. Ибораҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол дар гуфтору навишт.
- -маънои лексикии калима: Истифодаи дурусти калимаҳо вобаста ба маънои луғавии калимаҳои умумиистеъмол, маъмул ва номаъмул, шевагӣ ва соҳавӣ, кӯҳна ва нав, иқтибосӣ ва воҳидҳои фразеологӣ.
- -аз калимасозӣ: Муайян кардани восита ва тарзҳои калимасозӣ. Риояи меъёри забони адабӣ дар калимасозӣ.
- -аз морфология: Таърифи ҳиссаҳои омӯхташудаи нутқ ва хусусияту аломатҳои онҳо. Таҳлили калима аз ҷиҳати таркиб ва мансубияти он ба ин ё он ҳиссаи нутқ. Сиғаҳо ва замонҳои феъл, тарзи сохта шудани сифати феълӣ ва феъли ҳол.
- -аз синтаксис: Дар ҷумлаҳо муайян кардани ибораҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол. Дуруст тартиб додани ибораҳои ҷумла. Риоя кардан ба оҳанги талаффузи ҷумлаҳо.
- -аз услуб: Хусусиятҳои услуби коргузорӣ.
- -аз имло: Имлои ҳиссаҳои нутқ. Шарҳи мухтасари имлои калима, ибора ва таркибҳои омӯхташуда. Исботи дурусти имлои ин ё он калима. Дарёфти ғалатҳои имлоӣ.
- -аз пунктуатсия: бамавқеъ гузоштани аломатҳои китобат дар ҷумла.

# АДАБИЁТ СИНФИ VI
## ( Ҳафтае 2 соат. Ҷамъ:  68 соат)

## ХУШТАР ЗИ КИТОБ ДАР ҶАҲОН ЁРЕ НЕСТ
### Китоб-хазинаи маънавият (1 соат).

Китоб-манбаи дониш, хазинаи маърифат, воситаи муҳимтарини омӯхтани ҳаёти инсон. Баъди ба вуҷуд омадани хат ва алифбо пайдо шудани китоб. Мавқеи китоб дар таълиму тарбия. Аҳамияти китоб дар тарбияи инсони комил. Робитаи китоб ва адабиёти бадеӣ дар инкишофи ҷамъият. Гуфтаҳои адибони мумтозу муосири тоҷик дар таърифи китоб. Мавқеи китоб дар худшиносии инсон.

## БАНИ ОДАМ АЪЗОИ ЯКДИГАРАНД
### Дӯстон тоҷи сар (1 соат)

Панду ҳикматҳои халқӣ дар бораи дӯстӣ ва рафоқат. Асоси пандномаҳои паёмбари ислом Муҳаммад алайҳиссаломро ташкил кардани ҳамин мавзӯъ. Инъикоси вафодорӣ, ёрию бародарӣ, мӯнису ёвари ҳамдигар будан дар ин пандномаҳо. Қироат ва маънидод намудани пандҳо.

***Хониши мустақилона:*** мутолиа намудани зарбулмасалу мақолҳо ва ҳадисҳои Муҳаммад алайҳиссалом, ки  дар таърифи дӯстӣ, рафоқат ва бародарӣ гуфта шудаанд.

**Андар оини дӯст гирифтан дар «Қобуснома»** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи Унсурулмаолии Кайковус ва китоби ӯ «Қобуснома». Ба оини дӯст гирифтан бахшида шудани яке аз бобҳои он. Баёни мазмуни ин боб. Мулоҳизаҳои нависанда оиди дӯстӣ. Гавҳари асил будани дӯстӣ ва фикру мулоҳизаҳо дар бораи он. Қироати ҳикоятҳои ҷудогона аз ин боб ва баёни мазмуни он. Кор бо луғат.

### Ифода ёфтани некӣ ва бадӣ дар асари Низомии Ганнҷавӣ «Хайр ва Шар» (3 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи зиндагиномаи адиб. Мазмуни ғоявии ҳикояти «Хайр ва Шар». Хайр одами нек, хайрхоҳ, софдил ва одамдӯст. Дар образи Шар ифода ёфтани хислатҳои бади баъзе одамон: мардумозорӣ, бераҳмӣ, бахилӣ, фиребгарӣ, ноинсофӣ. Ифода ёфтани ақидаҳои инсонпарваронаи шоир дар достон. Аҳамияти тарбиявии достон.

***Хониши мустақилона:*** мутолиа намудани достон.

**Ҳикматҳои Саъдии Шерозӣ дар бораи дӯстӣ.**  (3 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Қироати шеъри «Бани одам аъзои якдигаранд» ва маънидод кардани он. Инъикоси масъалаи дӯстӣ, рафоқат ва ҳамдилӣ дар ҳикоят аз порчаҳои шеърии «Гулистон»-и Саъдӣ. Дасти ёрӣ дароз кардан ба мӯҳтоҷон яке аз хислатҳои одамони олиҷаноб. Аҳамияти дӯстиву рафоқат дар замони мо. Тавсияи шеър барои аз ёд кардан

**Тавсифи дӯстӣ дар достони Амир Хусрави Деҳлавӣ «Матлаъ-ул - анвор»**

(3 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи зиндагиномаи адиб. Тарғиби рафоқат ва дӯстӣ, интихоби дӯст, сифатҳои рафиқи нек, садоқат ва вафодорӣ дар асар. Аҳамияти тарбиявии ашъори панду ахлоқии адиб дар мавзӯи дӯстӣ. Тавсияи шеър барои аз ёд кардан.

***Хониши мустақилона:*** мутолиа намудани достон.

**Таърифи дӯстӣ аз назари Ҳофизи Шерозӣ.** (2 соат)

Қироат ва таҳлили шеърҳои «Дарахти дӯстӣ биншон…», «Ёрӣ андар кас намебинам…». Ифодаи дӯстиву рафоқат дар ин шеърҳо. Ба дарахти боровар мушобеҳ кардани дӯстӣ. Баҳори умр – киноя аз ҷавонӣ. Аз ҷавонӣ дӯстиро пойдору мустаҳкам доштан. Аҳамияти тарбиявии ғазалиёти Ҳофиз. Асрҳо боз дар мактабҳои кӯҳнаву нав ва замони мо омӯхта шудани эҷодиёти адиб. Ҳифз намудани як ғазали адиб ва муайян намудани вазни он. Кор бо луғат.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи киноя.(1 соат).

**Мирзо Турсунзода – вассофи дӯстӣ.** (2 соат).

Мирзо Турсунзода-шоири маъруфи тоҷик. Мавзӯи дӯстӣ ва рафоқат яке аз мавзӯъҳои асосии ашъори Мирзо Турсунзода. Қироат ва маънидод намудани шеър «То тавонӣ дӯстонро гум макун». Инъикос намудани зарурияти дӯстӣ дар шеър. Моҳияти тарбиявии шеър. Тавсияи шеър барои аз ёд кардан.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи шеър ва хусусиятҳои он (1 соат).

**Ҷонибек Қувноқ: «Агар ёрони ту бешанд»** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи зиндагиномаи шоир. Қироат ва баёни мазмуни шеъри «Агар ёрони ту бешанд…». Дар шеър ифода ёфтани садоқати дӯстӣ ва мазаммати душманӣ.

Қироат ва маънидоди шеърҳои «Дӯстонро гум макун», «Чашми ман». Ба тариқи мухаммас тазмин кардани шеъри Мирзо Турсунзода аз ҷониби шоир. Ҷонибек Қувноқ ҳамчун шоир ва тарҷумон пайвасткунанда ва мустаҳкамкунандаи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи тазмин ва мухаммас (1 соат).

## ХОКИ ВАТАН АЗ МУЛКИ СУЛАЙМОН ХУШТАР

**Ватан – модар** (1 соат).

Ватан – ифтихор ва обрӯю эътибори ҳар як ватандӯст. Модар якто – Ватан якто. Суханҳои ҳикматнок, андарзҳои дар таърифи Ватан ва ватандӯстӣ гуфташуда дар эҷодиёти шифоҳии халқ ва адабиёти мумтозу муосир. Маънидод кардани баъзе аз онҳо. Супориш барои аз ёд кардани онҳо.

**Ривояти «Томарис»** (2 соат).

Дар ривоят таҷассум ёфтани орзую омоли халқ дар бораи ҳимояи Ватан. Корномаи Томарис ҳамчун ифодаи муҳаббат ба Ватан. Мутолиа намудани порчаҳои ҷудогонаи ривоят ва маънидод кардани онҳо. Кор бо луғат.

***Хониши мустақилона*:** ривоят ва афсонаҳои дар мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ гуфташуда.

Ташкили кори хаттӣ дар мавзӯи «Меҳри Ватан».

**Васфи Бухоро дар шеърҳои Рӯдакӣ.** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи зиндагиномаи шоир. Шеърҳои зиёде дар мавзӯъҳои гуногун эҷод кардани адиб. Мавқеи шеърҳои дар васфи Бухоро навиштаи адиб. Қироати шеърҳои «Васфи Бухоро» ва «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд». Дар ин шеърҳо инъикос ёфтани ҳисси ватандӯстӣ.Тавсияи шеърҳо барои аз ёд кардан. Гуфтаҳои адибон дар бораи Рӯдакӣ. Қироати порча аз ҳикояти таърихии Расул Ҳодизода «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» ва баёни мазмуни он.

**Ёди Ватан дар шеърҳои Камоли Хуҷандӣ.**(3 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи зиндагиномаи шоир. Бинобар дур аз Ватан афтоданаш дар мавзӯи Ватан шеърҳо эҷод кардани шоир. Қироати шеъри «Дар ёди Ватан» ва маънидод кардани он. Тасвири ғарибӣ ва азоби он дар шеър. Инъикоси ҳисси ватандӯстии шоир дар ин ғазал.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи ғазал (1 соат).

**«Инъикоси қаҳрамонииии халқи тоҷик дар осори Садриддин Айнӣ (3 соат).**

Маълумоти мухтасар дар бораи адиб. Дар мавзӯъҳои таърихи дури халқи тоҷик навишта шудани «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик». Баёни мухтасари асар. Дар он инъикос ёфтани ҳисси ватандӯстии адиб аз ҷониби Темурмалик. Тасвири ёди ёру диёр дар симои Темурмалик. Мутолиа намудани порча аз асар. Ташкили кори мустақилонаи хаттӣ. Тавсия намудани мутолиаи «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва «Исёни Муқаннаъ» барои хониши берун аз синф.

**Ҳисси ватандӯстӣ аз назари Сотим Улуғзода.** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи адиб. Баёни мухтасари мазмуни ҳикоя. Дар он ифода ёфтани ҳисси ватандӯстӣ ва мубориза дар роҳи озодии Ватан. Мазаммати хиёнат ба Ватан дар он. Муайян намудани хислати қаҳрамони асосии ҳикоя. Навиштани кори хаттӣ аз рӯи ҳикоя. Тавсияи қиссаи Сотим Улуғзода «Ривояти суғдӣ» барои хониши берун аз синф.

**Инъикоси Ватан ва ватандӯстӣ дар шеърҳои Лоиқ Шералӣ.** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи шоир. Қисме аз шеърҳои Лоиқро ташкил намудани ашъори дар васфи Ватан ва ватандӯстӣ гуфташуда. Қироати шеъри «Ватан сар мешавад аз гаҳвора». Мафҳуми Ватан дар маънои танг ва васеъ. Аз гаҳвора оғоз ёфта, бо остонаву боми хона, деҳаву ноҳия боло рафта то ба кишваре, ки дар он кас зиндагӣ мекунад, расидани маънои вай. Ӯзбекистон Ватани соҳибистиқлоли мо - дар муродифи шеъри Лоиқ, ки Тоҷикистонро чун Ватани худ эҳтиром мекунад. Тавсияи шеър барои аз ёд кардан.

**Ӯзбекистон дар эҷодиёти Абдулло Орифов** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи шоир ва шинос будани номи ӯ ба хонандагон ҳамчун муаллифи Суруди миллӣ - Гимни Ӯзбекистон. Инъикоси истиқлоли Ӯзбекистон дар эҷодиёти Абдулло Орифов. Қироат ва баёни шеъри «Ӯзбекистон» (дар тарҷумаи Саидалӣ Маъмур). Дар шеър ифода ёфтани ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихор аз он. Тавсияи шеър барои аз ёд кардан.

**Меҳри Ватиан аз нигоҳи Расул Ғамзатов.** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи адиб. Муаллифи як қатор шеъру достонҳо будани Расул Ғамзатов. Дар онҳо иниикос ёфйтани мавзӯъҳои Ватан, модар, дӯстӣ ва ғайра. «Доғистони ман» - китоб дар бораи Ватан. Дар он тасвир ёфтани муҳаббати нависанда нисбат ба Ватан ва одамони он. Дар куҷое набошад, дар ёди Ватани маҳбуби худ будани нависанда. Ҳар як ваҷаб хоки Ватан – беҳтар аз тамоми қасру кошонаҳои диёри дигар. Аҳамияти асар дар тарбияи ватандӯстии донишомӯзон.Тавсияи мутолиаи порчаҳо аз «Доғистони ман» барои хониши берун аз синф.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи қаҳрамони асари бадеӣ (1 соат).

## ДОНИШ АНДАР ДИЛ ЧАРОҒИ РАВШАН АСТ

**Дониш талабу бузурги омӯз** (1 соат).

Аҳамияти илму дониш дар такомули маънавӣ ва пешрафти зиндагии инсон ва ҷомеа. Мақоми баланди ситоиш ва тарғиби илму дониш дар эҷодиёти даҳонакии халқ ва адабиёти мумтози тоҷик. Қироати намунаҳо аз онҳо. Дар эҷодиёти шоирони мумтоз мавқеи васеъ доштани аҳамияти амалӣ ва назарии илму дониш барои беҳбудии зиндагии инсон. Сифати асосии инсони комил ҳисоб ёфтани донишмандӣ аз назари гузаштагон.

***Хониши мустақилона***: панду ҳикматҳои Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърифи илму дониш. Аз ёд намудани порчаҳо аз онҳо.

**Манфиати донишу хирад аз назари Абӯшакури Балхӣ** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи адиб. «Офариннома»-асари панду ахлоқӣ. Мавзӯи ситоиши хирад ва дониш дар асар. Тарбияи инсон – мақсад ва ғояи асосии маснавӣ. Фикрҳои тарбиявӣ – ахлоқии шоир дар маснавӣ. Андешаҳои шоир дар бораи шартҳои мақом ва накӯшу манфиати донишу хирад.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи маснавӣ (1 соат).

**Ситоиши хирад дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ** (2 соат).

Мақоми хирад дар «Шоҳнома». Хирадро нахустофариниш, чашми дил ва нигаҳбони ҷон сифат кардани шоир. Тарғиби дониш ва аҳамияти илму маърифат дар рушду камоли маънавии инсон. Маънидод намудани байтҳои ҷудогона. Кор бо луғат.

***Хониши мустақилона:*** «Гуфтор андар ситоиши хирад» аз «Шоҳнома».

**Донишомӯзӣ дар «Кулоҳи сеҳронок» -и Х. Тӯхтабоев (2 соат).**

Маълумот дар бораи адиби бачагони ӯзбек Худойбердӣ Тӯхтабоев. Баёни мазмуни мухтасари асари ӯ «Кулоҳи сеҳрнок». Асоси асарро ташкил кардани саргузашти донишомӯзи синфи шашум Ҳошимҷон. Аҳамияти ғоявӣ-тарбиявии асар дар ташаккули тафаккури бачагони муосир дар руҳи истиқлоли миллӣ. Барои хониши мустақилона тавсия намудани асар.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи асари саргузаштӣ (1 соат).

## ҲАР КИ НОН АЗ АМАЛИ ХЕШ ХӮРАД

**Меҳнат- асоси зиндагӣ** (1 соат).

Инъикоси меҳнат ва меҳнатдӯстӣ дар эҷодиёти даҳонакии халқ. Моҳияти зарбулмасал ва мақолҳои дар ин мавзӯъ гуфташуда. Дар афсонаҳои халқӣ тасвир ёфтани ҳаёти мардуми меҳнатӣ. Дар аксар маврид ғалаба кардани шахсони меҳнатӣ аз болои мардуми танбалу коргурез. Гарави ободии мамлакат ва фаровонии ҷомеа будани меҳнат. Панду ҳикматҳои бузургон дар таърифи меҳнат ва меҳнаткаш.

Тавсияи аз ёд кардани зарбулмасал ва мақолҳои дар таърифи меҳнат гуфташуда.

**Шеърҳои ба ҳунармандон бахшидашудаи Сайидои Насафӣ** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи адиб. Дар замони зиндагии шоир инкишоф ёфтани ҳунармандӣ ва эътибори мардум ба он. Аз табақаҳои ҳунармандон будани бисёре аз шоирони ҳамон замон, аз ҷумла худи Сайидои Насафӣ. Дар бисёр шеърҳои Сайидо тасвир ёфтани ҳаёти ҳунармандон. Қироат ва баёни шеърҳои «Дар таърифи Хоҷа Шафеи наққош», «Дар таърифи нонво». Дар ин шеърҳо истифода шудани санъатҳои шеърӣ аз қабили муболиға, ташбеҳ, истиора ва ғайра. Ба наср баргардонидани шеъри «Дар таърифи Хоҷа Шафеи наққош». Кор бо луғат.

**Ҳикояти «Пири хоркаш»** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи Абдураҳмони Ҷомӣ ва эҷодиёти ӯ. Инъикос ёфтани ғояи баланди шарафнокии меҳнат ва аҳамияти он барои сарбаландию озодии инсон дар ҳикояти «Пири хоркаш». Дар ҳикоят инъикос ёфтани сарчашмаи бузурги ҳаёти инсон будани меҳнат. Таҷассум ёфтани образи инсони меҳнаткаш ва меҳнатдӯст дар ҳикояти «Шаҳрӣ ва рустоӣ». Аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқии ҳикоятҳо.

***Хониши мустақилона:*** қироати ҳикоятҳои Ҷомӣ.

**Марк Твен: шоҳу гадо бошад баробар** (2 соат).

Маълумот дар бораи Марк Твен ва асари ӯ «Шоҳзода ва гадо». Баёни мухтасари бобҳои «Мулоқоти Том бо Шоҳзода». Тарзи зиндагии оилаи Том ва машғулияти онҳо. Ба дарбор назди Шоҳзода роҳ ёфтани ӯ. Инъикоси аҳволи халқи меҳнаткаш дар асар. Муносибати нависанда бо табақаҳои болоии ҷамъият дар бораи баробар будани ҳуқуқи инсон - чи шоҳ ва чи гадо. Тасвири ғояҳои олии нависанда дар асар.

***Хониши мустақилона:*** бобҳои «Том дар роли асилзодагон», «Ба Том таълим медиҳанд».

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи образи бадеӣ (1 соат).

## ҲУНАР – ДАВЛАТИ ПОЯНДА

**Ҳунар аз дониш** (1 соат).

Одами соҳибҳунар - инсони бофарҳанг. Ривоҷи касбу ҳунарҳо - омили асосии инкишоф ва тараққиёти моддии ҷомеа. Мазмуни васеъ доштани мафҳуми «*ҳунар*». Шуғлҳои ҷисмонӣ ва ақлиро дар бар гирифтани он. Ривоҷи ҳунарҳо ва тарбияи мутахассисони соҳибҳунар - гарави тараққиёти Ватан. Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ, панду ҳикматҳо дар таърифи ҳунар ва ҳунармандӣ. Аҳамияти тарбиявии онҳо. Аз ёд кардани онҳо.

**Андарзҳо доир ба ҳунар (2 соат).**

Қироати андарзҳо. Шарҳи мазмуни онҳо. Андарзҳои дар васфи ҳунар гуфтаи Фирдавсӣ, Саъдӣ, Носири Хисрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ ва дигар адибон. Хусусиятҳои тарбиявии онҳо. Барои аз ёд кардан тавсия намудани андарзҳо доир ба ҳунар. Кор бо луғат.

**«Дар баёни фойдаҳо ва қоидаҳои касбу ҳунар ва қобилият»** (2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи Мирзо Бархурдор ва асари ӯ «Маҳбуб-ул-қулуб». Баёни боби «Дар баёни фойдаҳо ва қоидаҳои касбу ҳунар ва қобилият». Яке аз вазифаи падар будани ба фарзанд илму ҳунар омӯзондан. Моҳияти ин маъни дар асоси ҳикояти дар боби мазкур овардашуда. Дар ҳар гуна вазъият ғолиб омадани марди соҳибҳунар. Маънидод кардани порчаҳои шеърии ҳикоят. Кор бо луғат.

**Устоду шогирдӣ - мероси аҷдодон. (**2 соат).

Маълумоти мухтасар дар бораи нависанда Фазлиддин Муҳаммадиев. Қадри инсон ва меҳнат дар ҳикояи «Хиёбони Нодар». Мазаммати нотавонбинӣ ва бахилӣ дар ҳикояи «Рӯзи дафни Усто Оқил». Таҷассум ёфтани масъалаи муҳими ахлоқӣ-иҷтимоии замони ҳозира дар ҳикоя. Аҳамияти тарбиявии ҳикояҳои адиб.

***Хониши мустақилона:*** мутолиа намудани ҳикояҳо ва баёни мазмуни онҳо.

**Шумо адабиёт омӯхтед.** (Мавзӯи хотимавӣ, 1 соат).

Омилҳои асосии тасвири адабиёти бадеӣ дарк кардани худшиносии инсони комил. Танҳо дар сурати майли худшиносӣ доштан дигаронро ҳам шинохта тавонистани инсон. Воситаи хуб будани адабиёти бадеӣ дар ин бобат. Мақоми адабиёти бадеӣ дар ташаккули инсони комил. Аҳамияти асарҳое, ки дар давоми соли таҳсил омӯхта шудаанд ва дар хотири наврасон абадӣ нақш бастани онҳо.

***Робитаи байни фанҳо*** (вобаста ба ҳамаи мавзӯъҳо). Забони тоҷикӣ: ба тартиб даровардани материалҳои иншо; нақшаи мураккаб; нақли пурра ва мухтсари матн бо унсурҳои тасвири бино, табиат ва рафтори одамон. Таърих: муносибати адабиёти бадеӣ бо таърихи Ватан; инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар асарҳои бадеӣ.

***Ҷамъи соатҳо:***

Барои омӯзиши асарҳо- 50 соат

Барои корҳои хаттӣ- 12 соат

Барои такрор- 4 соат

Барои сӯҳбат оиди асарҳои мустақилона ва хониши берун аз синф тавсияшуда- 2 соат

**Матнҳо барои аз ёд кардан:**

Зарбулмасал ва мақолҳо дар бораи китоб, илм, дониш, меҳнат, ҳунар (интихобан).

Панду андарзҳои адибони мумтоз дар таърифи китоб, илму дониш ва ҳунар (интихобан).

Абӯабдулло Рӯдакӣ «Васфи Бухоро».

Саъдии Шерозӣ. «Бани одам аъзои якдигаранд».

Камоли Хуҷандӣ. «Дар ёди Ватан».

Мирзо Турсунзода. «То тавонӣ дӯстонро гум макун», «Ватан».

Лоиқ. Ватан сар мешавад аз гаҳвора.

Абдулло Орифов. «Ӯзбекистон»

Аз шеърҳои шоирони маҳаллӣ, ки дар таърифи Ватан, илму дониш, меҳнату ҳунар, дӯстиву рафоқат, китобу мактаб навишта шудаанд.

Асарҳо барои хониши берун аз синф

Саъдии Шерозӣ. «Гулистон».

Абдураҳмони Ҷомӣ. «Баҳористон»

Садриддин Айнӣ. «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Исёни Муқаннаъ».

Сотим Улуғзода. «Ривояти суғдӣ».

Мирзо Турсунзода. «Қиссаи ҳиндустон».

Фазлиддин Муҳаммадиев. «Рӯзи дафни Усто Оқил», «Сози Мунаввар».

Лоиқ. Маҷмӯаи «Хоки Ватан».

Болта Ортиқов. «Полвон»

Худойбердӣ Тӯхтабоев. «Кулоҳчаи сеҳрнок».

Расул Ғамзатов. «Доғистони ман»

Марк Твен. «Шоҳзода ва Гадо».

Аслиддин Қамарзода. Гулистони адаб.

## Талаботи асосӣ оид ба дониш, маҳорат ва малакаи донишомӯзони синфи VI

*Донишомӯзон бояд донанд:*

- дар алоқаи узвӣ будани воқеа ва қаҳрамонҳои дар асари бадеӣ тасвиршуда;
- хусусиятҳои асосии жанрҳои адабии маснавӣ, достон, ғазал. Ҳикоя, қисса ва жанрҳои дигари адабиро, ки дар чараёни дарс омӯхта шудаанд;
- хусусияятҳои ба худ хоси образи бадеӣ, забони асари бадеӣ, адабиёти ахлоқӣ, қаҳрамони асари бадеӣ барин унсурҳои назарии адабиёт.

*Донишомӯзон бояд тавонанд:*

- нақл кардани мазмуни асари бадеӣ;
- тавсиф кардани фазилатҳои асосии қаҳрмони асари бадеӣ;
- бошуурона ва буррою ифоданок хондани матн;
- сохтани нақша барои нақли хаттӣ ва даҳонии баёни қаҳрамони асари бадеӣ ва дар асоси ҳамин нақша ҳикоя карда додани матн;
- озодона истифода бурда тавонистан аз китоби дарсӣ ва адабиёти барои хониши мустақилона тавсияшуда.

**Намудҳои асосии баёни даҳонӣ ва хаттӣ аз адабиёт барои синфи VI**

*Даҳонӣ:*

- ифоданок хондани асарҳои ба жанрҳои гуногуни адабиёти бадеӣ мансуб;
- нақл намудани матни қироатшуда ва муносибат баён кардан ба он;
- шарҳ дода тавонистани хусусиятҳои ба худ хоси қаҳрамонҳои асари бадеӣ;
- фаҳмонидани мафҳумҳои назарии адабӣ ва нишон додани мавқеи онҳо дар ифодаи мазмуни асари бадеӣ.

*Корҳои хаттӣ:*

- мустақилона ифода карда тавонистани мазмуни асарҳои дар синф хондашуда;
- тартиб додани нақшаи содда ва мураккаби асари хурди эпикӣ ё бобҳои чудогонаи асари калони эпикӣ;
- дар асоси ҳамин нақша баён кардани фикру мулоҳизаҳои шахсӣ;
- навиштани лавҳаҳои адабӣ-бадеӣ дар заминаи мулоҳизаҳо нисбати ҳаёт, муҳити атроф, мактаб ва ғайра.